# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Раҳимзода Қурбоналӣ Назар дар мавзуи «Ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих)**

Автореферати Раҳимзода Қурбоналӣ Назар дар мавзуи «Ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII» барои мо доираҳои илмӣ ҷолиб ва омӯзанда ба ҳисоб меравад. Зеро, ки мавзуи мазкур аз ҳар ҷиҳат муҳим буда дар шароити имрӯза ҷиҳати эҳёи фарҳанги ниёгон ва дарки дастовардҳои арзишманди илмии асримиёнагӣ мусоидат менамояд.

Асрҳои миёна дар таърих ва тамаддуни миллати тоҷик ҷойгоҳи шоиста дошта, ҷиҳати давраи гулгулшукуфии фарҳанг ва тамаддуни миллати тоҷик ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз мавзуи таҳкикшаванда дар шароити имрӯза барои омӯзиши доираҳои илмӣ ва муҳаққиқон ҷойгоҳи махсус дорад. Дар ин давра илм, адабиёт, фарҳнг ва хосатан илмҳои табиатшиносиву риёзӣ ба дараҷаи зарурӣ рушду нумӯъ ёфта буд.

Дар ин давра олимони зиёде дар соҳаҳои гуногуни илм, ба хусус илмҳои табиатшиносӣ, риёзӣ, нуҷум, фалсафа ва адабиёт ба арсаи эҷод омада буданд, ки омӯзиши ҷанбаъҳои инкишофи таърихии он аз ҳар ҷиҳат муҳим ва саривақтӣ ҳисобида мешавад.

Илм ва фарҳанги миллати тоҷикро олимони зиёди ватаниву хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор дода, сарчашмаҳои зиёде гувоҳи медиҳанд, ки миллати тоҷик дар рушд ва инкишофи тамаддуни ҷаҳонӣ бо дастовардҳои бузург дар соҳаи илм ва фалсафа нақши бориз дорад. Ин гуфтаҳои моро дар сарчашмаҳои юнонӣ, румӣ, арманӣ, чинӣ, тибетӣ, форсӣ-тоҷикӣ, арабӣ ва ғайра мушоҳида кардан мумкин аст.

Асрҳои миёна, махсусан асрҳои XI-XII барои миллати тоҷик давраи бисёр ҳассос маҳсуб меёбад. Зеро, ки дар ин давра алакай ҳукумати миллӣ, яъне давлати Сомониён аз миён рафта буд. Новобаста аз суқути давлати миллии тоҷикон Сомониён, таъсири рушди илми давра то ба охири асри XII

ва аввали асри XIII расидааст. Дар ин аҳд бузургтарин шахсиятҳо дар соҳаҳои гуногуни илм аз ҷумла илмҳои табиатшиносӣ, нуҷум, риёзиёт ва фалсафаву адабиёт зуҳур менамоянд. Мавзуи интихобшудаи диссертанд ба як давраи аҳамиятноки илм ва фалсафаи тоҷик рост меояд.

Бояд гуфт, ки дар асрҳои XI-XII низ риштаҳои гуногуни илм маҳз тавассути заҳмати донишмандони тоҷик ва осори офаридаи онҳо давраи нашъунамои худро сипарӣ менамуд. Аз ин лиҳоз, мубрамияти мавзуи таҳқиқотии мазкур дар нуктаҳои зерин таҷассум меёбад:

1. Ба авҷи аъло тараққӣ ёфтани илмҳои дақиқ, бахусус нуҷум (астрономия) ва риёзиёт (математика) тавассути осори Кушёри Гелонӣ, Абурайҳони Берунӣ, Умари Хайём, Аҳмади Кисравӣ, Шарофуддин Муҳаммади Бухороӣ ва дигарон.

2. Идомаи тараққиёти илми тиб то дараҷае, ки аз чаҳор тан бузургтарин пизишкони ҷаҳони асримиёнагӣ, ки ҳамаи онҳо тоҷик буданд, Абуалӣ ибни Сино ва Исмоили Ҷузҷонӣ дар давраи мавриди назари муаллиф зиндагӣ ва эҷод намудаанд.

3. Рушди илмҳои фалсафа тавассути донишмандони бузурге чун Абуалӣ ибни Сино, Муҳаммади Ғаззолӣ, Носири Хусрав, Ибни Мискавайҳ, Айнулқузоти Ҳамадонӣ, Шаҳобуддини Суҳравардӣ, Фахруддини Розӣ ва ғайра.

4. Вусъат ёфтани таърихнависӣ дар дарбори ҳокимони асрҳои XI-XII. Чунки ҳамаи подшоҳон мехостанд бартарӣ ва шукӯҳу азамати худ ва хонадони худро нишон диҳанд.

5. Аз ватани аслии худ, яъне Хуросони бузург берун баромадани забони порсии тоҷикӣ ва густариши он то Осиёи Хурд ва сарзамини Ҳинд ва ба забони байналмилалӣ табдил ёфтани он.

6. Густариш пайдо намудани адабиёти порсии тоҷикӣ.

7. Маъмул гардидани истифодаи вожаи «тоҷик» ибтидо дар шакли «тозик» дар муқобили вожаи «турк».

8. Пайдо гардидании доираҳои бузурги илмию адабӣ дар пойтахтҳои давлатҳои мавҷуд дар асрҳои XI-XII.

9.Маҳз дар асрҳои XI-XII бузургтарин осори тиббию фалсафии донишмандони тоҷик, бахусус Муҳаммад Закариёи Розӣ ва Абуалӣ ибни Сино ба Аврупо сар дароварда, ибтидо ба забони лотинӣ, баъдан ба дигар забонҳои асосии аврупоӣ тарҷума гардида, шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо намудаанд.

10. Шуҳрати олимони давраи мавриди назари муаллиф то ҷое расида, ки донишманди маъруфи амрикоӣ Ҷорҷ Сартон асри ёздаҳро асри Абурайҳони Берунӣ ва Умари Хайём номидааст.

Аз автореферати пешниҳодшуда мо маълум намудем, ки бори аввал «Ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII» дар доираи илмҳои таърихи ватанӣ таҳқиқ шуда, кори мукамали илмии анҷомёфта ба шумор меравад. Хушоянд аст, ки дар диссертатсия аз осори бузургони илми тоҷик ва дигар олимони маъруфи соҳа фаровон истифода шудааст. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи муаллиф ҳам қобили таваҷҷуҳ мебошад, зеро, ки нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда хусусияти илмӣ дошта, пешниҳодҳои илман асоснок ва санҷидашуда ба ҳисоб меравАнд.

Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих бо шиносномаи ихтисоси илмии 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих) мутобиқат менамояд.

Дар кори диссертатсионӣ муаллиф асосан ҳаёти илмӣ ё ба таври дигар гӯем рушди илмҳои табиатшиносӣ, нуҷум, риёзӣ ва фалсафаро мавриди барасӣ қарор дода, вижагиҳои рушд ва омилҳои асосии инкишофи онро мавриди баррасӣ дар асрҳои XI-XII нишон додааст.

Бояд гуфт, ки автореферати диссертатсияи Раҳимзода Қурбоналӣ Назар ҳамчун фишурда бо диссертатсия мувофиқат намуда, ба меъёрҳои омодасозии автореферат мутобиқат менамояд.

Аммо новобаста аз ин дар диссератасия баъзан камбудиҳои ҷузъие дида мешавад. Ин камбудиҳо асосан хатогиҳои теъникӣ, имлоӣ ва услубӣ мебошанд, ки ҷанбаъҳои илмии диссертатсияро коста наменамояд. Аз ин рӯ

бовари̅ дорем, ки дар корҳои минбаъдаи илми̅ муаллиф ин камбудиҳоро ба инобат гирифта, кӯшиш менамояд, ки ба чунин хатогиҳо роҳ надиҳад.

Автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷики̅ ва руси̅ аз нигоҳи сохтор, мундариҷа, муҳтаво ва мазмун дуруст таҳия шуда, моҳияти асосии кори диссертатсиониро фаро мегиранд.

Гуфтан мумкин аст, ки автореферати диссертатсияи Раҳимзода Қурбонали̅ Назар дар мавзуи «Ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII» таҳқиқи анҷомёфта буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих) мутобиқат менамояд.

**Доктори илмҳои таърих, профессори**
**кафедраи фанҳои ҷомеашиносии**
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳи̅**
**ва соҳибкории Тоҷикистон** **Ҳотамов Намоз Басарович.**

**Суроға:**
734055, х. Борбад 48/5, ш. Душанбе,
Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Телефон: (+992 37) 234-88-02.
Fax: (+992 37) 234-88-02.
Web: www.dsx.tj.
E-mail: dsx_ips@mail.ru.

**Имзои Ҳотамов Н.Б. - ро**
**тасдиқ мекунам.**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДБССТ** **Ҷураев Шохрух Неъматович**

«25» 08 2023.

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Раҳимзода Қурбоналӣ Назар дар мавзуи «Ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих)**

Рисолаи диссертатсионии Раҳимзода Қурбоналӣ Назар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ-тахассусие мебошад, ки ба масъалаҳои мубрами таърихи илми халқи тоҷик бахшида шудааст. Бар асоси натиҷаи хулосаву пешниҳодот ва навгониҳои дар автореферат қайднамудаи муаллиф бояд гуфт, ки таҳқиқоти мазкур бо тахассуси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих) комилан мувофиқат мекунад.

Мавзуи рисолаи номзадии Раҳимзода Қурбоналӣ Назар воқеан яке аз масъалаҳои мубрами таърихи ватанӣ буда, дар сафҳаи таърихи илми ҷаҳонӣ дар муаррифисозии ҳаёти илмии халқи тоҷик натанҳо мубрам, балки камомӯхташуда ба шумор меравад. Зеро омӯзиши ҳаёти илмии халқи тоҷик ҷузъи муҳими таърихи тамаддуни миллат ба шумор меравад, ки агарчанде муҳаққиқони хориҷӣ то андозае ба пажӯҳиши он пардохтаанд, аммо дар таърихи илму фарҳанги кишвар ҳанӯз камтаҳқиқ боқӣ мондааст.

Муаллифи рисола дар автореферати худ комилан дуруст қайд менамояд, ки аҷдоди тоҷикон яке аз халқҳои соҳибтамаддун ва ихтироъкор буда, дар рушди илмҳои ситорашиносӣ, нуҷум, ҷуғрофия, риёзиёт, табииёт, тиб, муҳандисӣ ва ғайра саҳмгузор будаанд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро муаллиф дуруст ҷамъбаст кардааст, ки диссертатсия дорои аҳамияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии муаррихон ҷиҳати муайян кардани равия, усул ва услубҳои таҳқиқот, ки ба ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти илмӣ бахшида мешаванд, ёрӣ расонад. Натиҷаи таҳқиқот метавонад, барои анҷом додани таҳқиқоти нав дар омӯзиши таърихи давраи асримиёнагии тоҷик, ҳамчунин, дар дарсҳои лексионӣ ва амалии фанни таърихи халқи тоҷик ба унвони «Курси махсус» дар муассисаҳои таҳсилоти

олии касбии ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор гирад. Маводе, ки дар рисола ғунҷонида шудаанд, ҳангоми таҳияи монографияҳо, нашрияҳои энсиклопедӣ оид ба таърихи илму техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ ва алалхусус таърихи тамаддуни кишвар зарурӣ бошад.

Дар натиҷа дурустии андешаҳои муаллифро кайд карда, гуфтан мумкин аст, ки омӯзишу пажӯҳиши осори мутааддид ва гаронбаҳои донишмандони асрҳои XI-XII имкон медиҳад, ки рушди соҳаҳои гуногуни илмҳои риёзиву табииётшиносӣ дар алоҳидагӣ мавриди таҳқиқот қарор гирад.

Аз автореферати рисолаи диссертатсионии Раҳимзода Қурбоналӣ Назар маълум аст, ки ӯ дар мавзуи «Ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII» тадқиқоти илмӣ-тахассусиеро анҷом додааст. Шарҳи автореферат ба се забон (тоҷикӣ, русӣ, англисӣ) арзиши назарӣ ва амалии онро инъикос мекунад. Ниҳоят гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи таҳқиқотии Раҳимзода Қурбоналӣ Назар ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих) мебошад.

Номзади илмҳои таърих,
мудири кафедраи фанҳои
ҷомеашиносии МТҒ “Донишкадаи
тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон” Муродов Сайфулло Сафарович.

Имзои н.и.т. Муродов Сайфулло
Сафарович-ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳои МТҒ
“Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии
Тоҷикистон” Муминзода Сухроб Рустам.

ШУЪБАИ КАДРҲО

Нишонӣ: 734064, ш. Душанбе,
н. Сино, к. Клара Сеткина 2.
Тел. (992) 400042200

«22» 08 соли 2023

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Раҳимзода Қурбоналӣ Назар дар мавзуи “Ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих)**

Диссертатсияи номзадии Раҳимзода Қурбоналӣ Назар “Ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII” ном дошта, ба яке аз масъалаҳои муҳимми таърихи илми халқи тоҷик дар асрҳои миёна бахшида шудааст.

Дар бораи ба мақсад мувофиқ будани мавзуъ диссертант комилан дуруст қайд менамояд, ки гузаштагони миллати тоҷик дар радифи чанд миллати мутамаддини дигар дар ташаккул ва такомули илму фарҳанги ҷаҳон нақши муҳим доштаанд.

Муҳаққиқ дараҷаи омӯзишу пажӯҳиши мавзуъро васеъ таҳлил карда, собит намудааст, ки собиқаи бузурги илмӣ доштани ақвоми ориёитабор, бахусус тоҷикон буд, ки онҳо бар ҳақ ба ҳайси асосгузорони тамаддун ва фарҳанги исломӣ шинохта шудаанд.

Воқеан, маҳз дар асрҳои XI-XII риштаҳои гуногуни илм, ба хусус илмҳои риёзиву табииётшиносӣ аз қабили математика, физика, химия, биология, геометрия, астрономия, тиб ва ғайра маҳз тавассути заҳмати ниёгони донишманди тоҷикон ва осори офаридаи онҳо нашъу намо ёфта, ҳатто ба пешрафти соҳаҳои муайяни илм дар ҷаҳон тавассути тарҷума аз забони арабӣ ба лотинӣ таъсири бузург расонидааст.

Рисола аз ҷиҳати сохтор фарогири муқаддима, ду бобу ҳафт параграф, хулоса ва феҳрасти адабиёт буда, дар муқаддима интихоби мавзуъ, аҳамияту дараҷаи омӯзиш ва навоварии илмии он асоснок шудааст.

Диссертант нуктаҳои зеринро ба ҳимоя пешниҳод менамояд:

1. Дорои собиқаи тӯлонии илмӣ будани тоҷикон.

2. Нақши ниҳодҳои илмию таълимии асрҳои XI-XII дар такомули илмҳои гуногун.

3. Саҳми донишмандони риштаҳои илмҳои табиатшиносӣ дар рушди илмҳои нуҷум, риёзиёт, тиб ва ғайра.

4. Хидмати донишмандони тоҷик дар тараққӣ додани илмҳои ҷомеашиносӣ аз қабили таърих, фалсафа ва ғайра.

5. Нишон додани саҳми донишмандони тоҷик дар пешрафти илмҳои исломӣ.

6. Нишон додан нақши донишмандони тоҷик дар густариши илми ҷаҳонӣ.

7. Таъсири осори донишмандони тоҷик ба донишмандони кишварҳои гуногуни олам.

Хулоса натиҷаҳои бадастовардаи диссертант дар бораи таърихи илмҳои риёзиву табиӣ, тиббӣ ва ҳатто фалсафию ҳайатшиносӣ бар асоси осори ниёгони асримиёнагии тоҷикон, ба хусус асрҳои XI-XII, ки дар таърихи тамаддуни халқи тоҷик давраи эҳё ва ё давраи гулгулшукуфии илму техника ба ҳисоб меравад, комилан дуруст буда, тавсияҳои пешниҳодкардааш барои татбиқи амалии таҳқиқоташ ҷолиб мебошанд.

Дар муқаддимаи автореферати диссертатсия ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, аҳамияти илмии назариявию амалии кор, навгониҳо ва нуқтаҳои ҳимояшавандаи таҳқиқот ва ҳаҷму сохтори мавзуъ инъикос ёфтааст. Автореферат мазмуну мундариҷа ва муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос мекунад.

Диссертант доир ба мавзуи интихобкардааш 12 номгӯй мақолаву гузоришоти илмӣ ба табъ расонидааст, ки аз он ҷумла 6 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидааст, ки пурра ба мавзуи таҳқиқшаванда бахшида шудаанд.

Ман боварии комил дорам, ки рисолаи ба ҳимоя пешниҳодкардаи Раҳимзода Қурбоналӣ Назар дар соҳаи омӯзиши таърихи илми халқи тоҷик на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки берун аз он, дар хориҷи кишвар низ нақши муҳим мебозад.

Диссертатсияи Раҳимзода Қурбоналӣ Назар аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих), барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих ҷавобгӯи талаботи КОА ҶТ мебошад ва иҷрокунандаи он Раҳимзода Қурбоналӣ Назар сазовори мушарраф шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих) мебошад.

**Номзади илмҳои таърих,**
**мушовири директори**
**Муассисаи давлатии таълимии**
**"Коллеҷи тиббии ш. Кӯлоб ба номи**
**Раҳмонзода Рахматулло Азиз"** **Назарзода Ҷумахон Шамс.**

«24» 08 2023

**Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, к. А. Абдураҳмонов - 7
Тел.: +992 (8-33-22) 2-35-8, 2 35 21
E-mail:medcollkulob1953@mail.ru;
www. Medcollkulob.tj

**Имзои Назарзода Ҷ. Ш. - ро**
**тасдиқ менамоям.**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои**
**махсус ва бойгонии Колеҷи тиббии**
**ш. Кӯлоб ба номи Раҳмонзода Раҳматулло**
**Азиз** **Аҳтамов Ҳ.**

**«24» 08 2023**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Раҳимзода Қурбоналӣ Назар дар мавзуи «Ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих)**

Аз автореферати унвонҷӯ Раҳимзода Қурбоналӣ Назар маълум аст, ки рисолаи диссертатсионии ӯ ба мавзуи мубрам ва рӯзмарраи таърихи илм бахшида шудааст ва чӣ хеле худи муаллиф қайд менамояд, мавзуи (предмети) таҳқиқот асарҳои илмии донишмандони асрҳои XI-XII тоҷик, ки дар риштаҳои илмҳои риёзиёт, нуҷум, физика, химия, тиб, фалсафа, таърих, улуми исломӣ ва ғайра эҷод намудаанд, маҳсуб меёбад.

Бояд гуфт, ки таърихи омӯзиши асарҳои илмии донишмандони асрҳои XI-XII тоҷик яке аз ҷанбаҳои бисёр муҳим ва камомӯхтаи таърихи тамаддуни халқи тоҷик ба шумор меравад. Дар ин росто, муҳаққиқи ҷавон Раҳимзода Қурбоналӣ Назар ба дараҷе ноил шуда, аз уҳдаи вазифаҳои дар наздаш гузошта баромада тавонистааст. Аз мутолиаи чунин автореферате, ки воқеан илмӣ навишта шуда, таҳлили асарҳои зиёдеро фарогир аст, муаллифи ӯро муҳаққиқ номидан мумкин аст ва ӯ тавонистааст худро як пажӯҳишгари умедбахш дар ин самт нишон диҳад.

Аз ин нуқтаи назар рисолаи диссертатсионии Раҳимзода Қурбоналӣ Назар дар мавзуи «Ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII» аз рӯйи мазмуну мундариҷа, сохтору номгузории бобҳову зербобҳо ва хулосаву натиҷагириаш аз рӯйи автореферат маълум мегардад, ки бо тахассуси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих) мувофиқати пурра дорад.

Раҳимзода Қурбоналӣ Назар дар асоси принсипҳои таърихият, объективият ва системанокӣ факту рақамҳои бунёдиро ба даст оварда, новобаста аз ақидаю афкори субъективие, ки дар баъзе маъхазҳо ва муҳокимаҳои муаллифон ҷой доранд, ҳаёти илмии халқи тоҷикро дар дар асрҳои XI-XII дар ҳамон шароити таърихӣ муайян ва пурра таҳлил кардааст.

Аз рӯйи мутолиаи автореферат бармеояд, ки муаллиф аз сарчашмаҳои мавҷуда ва маълумоти саҳеҳи оморӣ фаровон истифода карда, хулоса ва тавсияҳоро дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳкиқоти таърихӣ ҷамъбаст намудааст, ки ифодакунандаи эътимоднокии диссертатсия маҳсуб мегардад.

Нуктаи дигаре, ки дар асоси он месазад таҳқиқоти Раҳимзода Қурбоналӣ Назарро мусбат ва комилан як пажӯҳиши арзишманди таърихи илм ва техника дар саҳаи таърихи тамаддуни миллат қаламдод кунем, ин навгониҳои бадастовардаи ӯ мебошад, ки мухтасару мушаххас ва ҳамзамон назаррас баён гардидааст.

Хулоса, аз рӯйи автореферат баҳргузорӣ кардан мумкин аст, ки диссертатсия татқиқоти илмии дар худ анҷомдодашударо ифода мекунад, ки муаллиф онро ба дараҷаи кофӣ ва дар сатҳи баланд иҷро намудааст. Дар он ҳаёти илмии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII хеле илман ба исбот расидааст. Натиҷаҳое, ки муаллиф ҳангоми татқиқот ҳосил намудааст ба қадри кофӣ нав, асосноккардашуда ва эътимоднок мебошанд.

Ба андешаи мо рисолаи мавриди назар ба талаботи Низомнома оид ба тартиби додани унвони дараҷаи илмӣ ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи он Раҳимзода Қурбоналӣ Назар сазовори ноил гардидан ба унвони номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10 – Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих) мебошад.

**Тақриздиҳанда, номзади илмҳои таърих,**
**дотсенти кафедраи методикаи**
**таълими тарих ва ҳуқуқи ДДОТ**
**ба номи садриддин Айнӣ** **Исмоилов Ёдгор Ҳофизович**

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121, ДДОТ ба номи С. Айнӣ.
Тел.: +992(37) 2 24 13 83, 987 66 54 55.

**Имзои н.и.т., дотсент Исмоилов Ё.Ҳ-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДОТ**
**ба номи Садриддин Айнӣ** **Р. Ҷаборзода.**

«23» 08 2023.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС